**ТАҚРИЗ**

***ба диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 – и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17) пешниҳод карда шудааст.***

**Мубрамии таҳқиқоти илмӣ.** Ҳамгироӣ бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ яке аз омилҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, талаботи ҷаҳони муосир мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани мустақилияти давлатӣ бо сабабҳои объективӣ ба мушкилотҳои бисёр, аз ҷумла нарасидани озуқаворӣ, маводи сӯзишворӣ, қисмҳои зарурӣ барои корхонаҳои саноатӣ, қатъ гардидани доду гирифти маҳсулот байни ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз байн рафтани фазои ягонаи пулӣ, гузаштан ба истифодаи асъори хориҷӣ дар савдои берунӣ ва ғайра дучор шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзии худро қариб ба 50 давлатҳои хориҷӣ содирот мекард, пас аз пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ дар ихтиёри худ ягон сент надошт, ки аз дигар кишварҳо маҳсулоти лозимӣ, пеш аз ҳама маводи озуқавориро харидорӣ намояд. Дар чунин вазъияти бисёр душвор ба Ҷумҳурии Тоҷикистон созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла Хазинаи баналхалқии асъор, Бонки Ҷаҳонӣ ва дигар созмонҳо дасти ёрӣ дароз карданд, кӯмак расониданд, ҳамкорӣ карданд, ки он дастгириҳо ҳоло ҳам идома доранд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти масъалаҳои мукаммалгардонии механизми ҳамгироӣ бо созмонҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ зарур буда, мубрамияти кори илмии Тағоев Маҳмадмумин Раҳимовичро нишон медиҳад.

Диссертатсия аз се боб, сарсухан, хулосаю пешниҳодот, рӯихати адабиётҳои истифодашуда, 31 ҷадвал, 9 расм, 11 диаграмма, 9 замима дар ҳаҷми 217 вараќи чопӣ иборат мебошад.

Мақсад, вазифаҳо, дараҷаи азхудшудаи масъала, заминаҳои назариявӣ ва методологии тадқиқот, дастовардҳои илмӣ ва тавсифи дигар масъалаҳои умумии кори иҷрошуда дар муқаддима тибқи тартиби ҷойдошта оварда шудаанд.

Дар боби якум асосҳои иқтисодӣ ва муҳиммияти амалии ҳамкориҳои молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ, заминаҳои консептуалӣ ва таҷрибавии самарабахши ҳамкории давлатҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ, модели ташаккули кӯмаки расмӣ, зарурият ва аҳамияти он барои рушд дар шароити ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар кори диссертатсионӣ дуруст қайд шудааст, ки дар солҳои 40-уми асри гузашта баробари сар кардани бӯҳронҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва сиёсию ҳарбӣ ва ҳамзамон фалаҷ гаштани низоми байналхалқии асъорию молиявӣ зарураяти таъсиси институтҳое пеш омад, ки вазифаи онҳо таъмин намудани муносибатҳои молиявӣ, қарзӣ, асъорӣ ва ғайра байни давлатҳои ҷаҳон ба шумор мерафт. Солҳои 40-уми асри XX ҳамчун марҳилаи нахустини таъсисёбии созмонҳои сернуфузи байналмилалӣ ва минтақавии молиявию қарзӣ мебошад. Омӯзиши назарияҳои молиявии ҷаҳонӣ дар шароити муосир таҳқиқоти васеъро фаро гирифт, ки назарияи молиявию иқтисодиёти ҷаҳониро ҳамчун маҷмӯи консепсияҳо, категорияҳо ва усулҳои мӯътадилгардонии баланси пардохти давлатҳо, устувории қурби мубодилаи асъор, баланси пардохти нобаробарвазн ва роҳҳои баробарнамоии он дар шароити гуногуни низомҳои байналмилалии асъори таҳлил ва асоснок намуданд. Созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ додугирифтҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи молиявии сатҳи байнидавлатӣ ва ташкили ҳамкориҳои байналмилалии молиявӣ ва равандҳои интегратсиониро суръат бахшиданд. Устуворнамоии алоқаҳо байни марказҳои молиявӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ ба иштироки муштараки институтҳои молиявӣ дар ҳалли масъалаҳои молияви

байнидавлатӣ, ҳамгирои молиявии байналмилалӣ, рушди босуръати навовариҳои молиявӣ оварда расонид.

Ҳамчунин дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар раванди нави ташаккули муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, суръати баланд пайдо кардани равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки бисёр пурпечутоб ва ҳассос мебошанд, таъмини амнияти молияви ва дар маҷмӯъ таъмини амнияти иқтисодии давлат хело гарон меафтад ва манфиатҳои миллии давлаҳои иштирокчи бояд ҳифз карда шаванд. Дар ин раванд ба ақидаҳои олимон ва иқтисодшиносон ва консепсияҳои назариявӣ оид ба сафарбарнамоии сармоя барои рушди устувори иқтисодӣ, ҳимояи иқтисодиёти миллӣ, давраҳои пастгардонии қашшоқӣ ва ғайра диққати махсус дода шудааст (саҳ.37-46). Таъкид шудааст, ки дар раванди таҳияи барномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои стратегӣ диққати асосӣ ба роҳҳои ҷалби Кӯмаки расмӣ барои рушд дар молиякунонии лоиҳаҳо дода шавад ва дар мавриди самаранок истифодашавии Кӯмакҳои расмӣ ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ боз бештар мешавад.

Боби дуюми кори диссертатсионӣ ба таҳлили самаранокии ҳамкориҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ бахшида шудааст.

Нишон дода шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ сиёсати «дарҳои боз» - ро татбиқ кардааст, ки ин сиёсат имкон дод, ки доираи робитаҳоро бо кишварҳои хориҷӣ васеъ намуда, сафи ҳамёрони худро доимо афзоиш диҳад, муносибатҳои дипломатиро бо ҷаҳони беруна чӣ дар шакли муносибатҳои дутарафа ва чӣ дар муносибатҳои бисёртарафа амалӣ намояд. Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ин роҳи дуруст барои ҳамгироӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳама самтҳои фаъолият (сиёсӣ; иқтисодӣ; иҷтимоӣ; молиявӣ ва ғайра) мебошад, ки ин яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии молиявӣ – иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба андешаи унвонҷӯй сабабҳо, шартҳо ва принсипҳои ба роҳ мондани муносибатҳо бо

созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ бо бандҳои зерин бояд ифода ёбанд:

– қабл аз ҳама принсипҳои ташкили давлати соҳибистиқлол, ки бояд бо ҷаҳони беруна муносибатҳои худро тавсеа бахшад;

– канда шудани муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодию молиявии байни давлатҳои собиқ лагери сотсиалистӣ, ки ба норасоии захираҳои молиявӣ оварда расонид;

– хисороти иқтисодию молиявии ҷанги шаҳрвандӣ, ки тибқи ҳисобҳо беш аз 10 миллиард доллари ИМА-ро ташкил мекунад, ба вазъи бозори молиявии дохилӣ таъсири бесобиқаи манфӣ расонид;

– кам шудани даромади корхонаю ташкилотҳои соҳаҳои хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон (хоҷагии деҳот ва соҳаи саноат);

– сатҳии баланди бекорӣ ва дар ин замина паст гардидани ҳаҷми даромади аҳолӣ ва кам шудани пасандозгузориҳо дар сар то сари ҷумҳурӣ;

– баркарорсозии инфрасохтори иқтисодию иҷтимоии дар натиҷаи мунокишаҳо хароб гашта;

– гузаштани мухлати истифодаи объектҳои иқтисодӣ ва муҳайё кардани шароити иноватсионӣ дар истеҳсолот;

– баланси пардохти манфии давлат ва ба тадриҷ бад гаштани вазъи баланси савдои хориҷии мамлакат;

– ислоҳоти сохтори дар иқтисодиёт ва дигар самтҳо.

Қайд шудааст, ки дар солҳои аввали ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, махсус дар давраи якум (солҳои 1992-1997) кӯмакҳо ба Тоҷикистон асосан дар шакли грантҳо, ки барои барномаи озуқаворӣ ва кӯмаки ройгони таъҷилӣ, дар шакли озуқаворӣ ва маводи зарурии аввалия истифода мешуданд, дастрас мегардид. Дар солҳои минбаъда (солҳои 1997 -2003) қарзҳои бисёрҷониба авҷ гирифт ва айни ҳол қарзҳои дутарафа бештар дида мешавад, ки қариб 90% онҳо ба Ҷумҳурии халқии Чин рост меояд. Бо мақсади ҷалб намудани сармояи

беруна аз соли 1998 оғоз карда барномаҳои рушд ва кумакҳои техникии кутоҳмуддати барқарорсозӣ ва қисман дарозмуддат барои таъмини рушди устувор мукаммал шудаанд. Баъдан аз соли 2005 бо тавсияи донорхо Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи рушд ва барномаҳои миёнамуҳлати рушдро таҳия намуд, ки ин як такони ҷиддӣ барои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат буд. Дар солҳои аввали ҳамкорӣ бо донорҳои бисёртарафа объекти асосии маблағгузориҳо дар доираи Кӯмаки расмӣ барои рушд бахшҳои: ислоҳоти давлатӣ, кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ, мелиоратсия, энергетика, ирригатсия ва ғайра буданд. Мутаносибан ба соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ) 21,7% маблағҳо ва кӯмакҳои ҷалбшуда равон шуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати татбиққунандаи барномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла «Ҳамкории глобалӣ ба хотири тараққиёт»-ро, ки яке аз ҳадафҳои Созмони Миллали Муттаҳид дар ҳазорсолаи нав буд, чараёни мусоидат ба кишварҳои дорои марҳилаи гузаришро барои тақвияти инкишофи иқтисодӣ хуб қабул кард ва дастгирии донорҳо дар шакли кӯмакҳои техникӣ, грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок ба Тоҷикистон мусоидат намуд, ки аз бӯҳрони вазнини то солҳои 2004 раҳои ёфта рӯ ба рушд орад.

Дар кори диссертатсионӣ дуруст қайд шудааст, ки ислоҳоти иқтисодии аз тарафи Ҳукумати мамлакат роҳандозишуда ҷалби маблағҳои заруриро барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо роҳи коркарди механизми нави ҳамкориҳо: ҷалби қарзҳои имтиёзнок, дарёфти грантҳо, ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ, қабулии кӯмакҳои техникӣ, ҳамчунин тавсеаи муносибатҳо бо донорҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаро ҳамчун механизми асосии мукамалгардонии ҳамкории Тоҷикистон тақозо намуд (саҳ. 68). Ин имконият фаро овард, ки тибқи раддабандии гуруҳи Бонки Ҷаҳонӣ бо назардошти афзоиши ММД ба ҳар як аҳолӣ, мавқеи Тоҷикистон ҳамчун давлати сатҳи

даромади паст (соли 2014) ба давлати сатҳи даромад аз сатҳи миёна паст (соли 2016) тағйир ёфт. Дар қиёс ба дигар давлатҳои сатҳи даромадашон аз сатҳи миёна паст, тибқи маълумотҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва тараққиёт, Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои хуби дастрасиро барои дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ аз Хазинаҳои минтақавӣ ҷиҳати рушди бахши хусусӣ соҳиб аст. Мушкилии асосӣ дар ин маврид, ин дараҷаи коркарди барномаҳои соҳавии ҳамгироикарда аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ба шумор меравад, ки яквақта ба талаботҳои Стратегияи идоракунии молиявии давлатӣ мутобиқат намояд (саҳ. 75) .

Дар кори диссертатсионӣ дар саҳифаҳои 84-112 ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ, динамикаи вориди маблағҳо ба соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, азхудкунии маблағҳо аз рӯи соҳаҳо дар доираи барномаи давлатии сармоягузориҳо, грантҳо, маблағгузориҳои донорҳои бисёртарафа ва дутарафа дар татбиқи портфели амаликунандаи лоиҳаҳои сармоягузори дар соли 2018, идомаи ислоҳоти иқтисодӣ ва ғайра ҳаматарафа таҳлил шудаанд.

Баҳодиҳии фаъолияти созмонҳои минтақавии молиявӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳимро гирифтааст. Дар рисолаи илмӣ ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилали ва минтақавӣ, ки роҳандозӣ кардааст, ҳамчун омили таъсиррасони пешрафти иқтисодиёти миллӣ шарҳ дода шудааст. Дар таҳқиқот ба созмонҳои минтақавии молиявӣ - Бонки Осиёгии рушд, Бонки исломии рушд, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф самтҳои асосии фаъолияти Бонки Осиёгии рушдро аз беҳтар гардонидани зиндагии аҳолӣ, аз бунбаст баровардани давлат, афзоиши коммуникатсия, дастрасӣ ба нерӯи барқ, такмили хадамоти иҷтимоӣ, мусоидат ба рушд ва пешбурди фаъолият дар бахши хусусӣ ва ғайра маънидод кардааст.

Дар расми 2.3.1. (саҳ.116) модели ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияҳои шарикӣ ва дигар созишномаҳои Тоҷикистонро бо Бонки Осиёии рушд, ки самтҳои ҳамкорӣ, масъалаҳои маблағгузорӣ, лоиҳаҳои коркарди усулҳои нави парвариши зироатҳо, лоиҳаҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва дигар лоиҳаҳо бояд ҳаллу фасл шаванд, оварда шудаанд. Дар саҳифаҳои 117-128 рақамҳо, ҷадвалҳо ва дигар маводҳо ойд ба ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои минтақавии молиявӣ, мавқеи онҳо дар маблағгузории лоиҳаҳо ва дигар корҳои анҷомёфта оварда шудааст.

**Навовариҳо ва кашфиётҳои илмӣ ва амалии кори диссертатсионӣ.**

Исбот шудааст, ки молияи байналмилалӣ ҳамчун қувваи ёридиҳандаи рушди иқтисодӣ баромад карда, он ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳои дар сатҳи гузариш қарордошта назаррас буда, дар шароити рушди номунтазам пайдо кардани сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои таъмин намудани суръати баланди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ шарти асосӣ ва ташкили ҳамкориҳои судманд бо ҷаҳони беруна яке аз роҳҳои дарёфти маблағҳо мебошад.

Дар асоси таҳлили ҳамаҷониба дар таҳқиқот муайян шудааст, ки мақсади асосии созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ аз мусоидат намудан ба рушди иқтисодӣ, кам кардани сатҳи камбизоатӣ, мусоидат ба муосиркунонии низоми таҳсилот, ҳамкориҳо ба татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ дар бахшҳои инфрасохтор, нақлиёт, соҳаи иҷтимоӣ, бахши молия ва бонкдорӣ, бахши гидроэнергетика, соҳаи маориф ва илм, кишоварзӣ, рушди тиҷорати хориҷӣ ва дар ин ҳошия афзунгардонии иқтидори истеҳсолии корхонаҳо, ирригатсияи заминҳои бекорхобида, беҳдошти вазъи обтаъминкунӣ, сайёҳӣ ва ғайра мебошанд.

Исбот шудааст, ки дар шароити иқтисодиёти рушдкунанда барои ғанӣ гардонидани бозори дохилии молиявӣ, маблағгузорӣ намудани рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҷалби маблағҳои созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ дар асоси дипломатияи бисёрҷониба,

истифодабарии механизмҳои қарздиҳӣ, пешниҳодҳои грантҳо, расонидани кумакҳои техникӣ дар доираи кӯмаки расмӣ барои рушд шарти асосӣ мебошад. Ҳамчун заруурияти асосҳои иқтисодию иҷтимоиро дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ пешниҳод кардан, қабули барномаҳои байналмилалии мусоидат барои рушд ва махсусан ҳуҷҷати ниҳоии «Ҳадафҳои рушди устувор» бо мақсади инкишоф ва амалӣ кардани ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ таҳлил ва муайян карда шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дарёфт ва истифодаи кумакҳои берунӣ стратегияҳо ва барномаҳои миллии миёнамуҳлат ва дарозмуддатро қабул карда, базаи ҳуқуқию меъёрии онҳо ба қонунгузориҳои миллӣ ва талаботҳои баиналмилалӣ мутобиқ карда ба созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ пешниҳод намудааст. Ҳамчунин, дар диссертатсия фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон , ҳаҷми маблағгузорӣ аз ҷониби онҳо, маблағгузории лоиҳаҳои алоҳида, самтҳои маблағгузорӣ, воридоти маблағҳо ба соҳаҳои иқтисодию иҷтимои ҳамаҷониба таҳлил ва давраҳои ҳамкориҳо гурӯҳбандӣ шудаанд (саҳ. 90-130). Дар асоси омӯзиш ва таҳлили маводҳо ва маълумотҳои расмӣ мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ ҳамчун давлати кӯмакгиранда муайян шудааст, ки минбаъд ҳам бояд ҳамчун давлати татбиққунанда масъалаҳои иқтисодӣ дар қабули қарорҳои идоракунӣ дар созмонҳои номбурда мақоми муайян пайдо намояд. Муайян ва пешниҳод шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил гаштан ба ҳадафҳои стратегӣ, ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодиёти миллӣ бояд механизмҳои мукаммалгардонии ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ самаранок истифода бурда, барои ҷалби маблағҳои қарзӣ ва грантҳо аз сарчашмаҳои берунӣ заминаи устувор муҳайё созад.

Дар яке аз пешниҳодҳои муаллиф оварда шудааст, ки кӯмакҳои молиявии берунӣ боиси пайдоиши қарзи хориҷии давлат мешавад ва қарзи зиёд нуфузи байналмилалии мамлакатро паст менамояд. Аз ин лиҳоз, кӯмакҳои (қарзҳои) берунӣ бештар ба ҳалли проблемаҳои иҷтимоӣ, ба он соҳаҳое равона шаванд, ки дар пешрафти тамоми бахшҳо нақши калидиро иҷро менамояд (саҳ. 187).

Камбудӣ ва норасоиҳои таҳқиқот:

1. Дар кори диссертатсионӣ якчанд саҳифаҳо аз оғоз то анҷом аз иқтибосҳо иборат мебошад (саҳ. 25, 27, 28). Ба андешаи мо, пас аз ҳар иқтибоси овардашуда вай бояд таҳлил шавад, дурустӣ ё нодурустии он нишон дода шавад.
2. Дар саҳифаи 55 ҷадвали 1.1.2. руйхати давлатҳои кӯмаки расмигиранда аз Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва тараққиёт оварда шудаанд. Давлатҳо ба чор гурӯҳ: давлатҳои камтаррушдёфта, давлатҳои сатҳи даромадашон паст, давлатҳои сатҳи даромадашон аз миёна паст ва давлатҳои сатҳи даромадашон аз миёна баланд. Хуб мешуд, агар муаллиф принсипҳо ё критерияҳои ҷудокунӣ ба гурӯҳҳоро нишон медод ва муайян мекард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадом гуруҳ шомил мебошад.
3. Дар рисола ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ ба 3 давра ҷудо шудааст. Давраи якум солҳои 1992-1997, давраи дуюм солҳои 1997-2004, давраи сеюм солҳои 2004-2018 мебошанд. Аммо таҳлилҳо аз соли 1997 оғоз шуда, таҳлилҳои солҳои 1992-1997 нестанд.
4. Боби 3 «Дурнамои тавсеаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ» номгузорӣ шудааст. Аммо ягон параграф бо калимаи «дурнамо» сар намешавад. Дар диссертатсия ҳам дурнамо фақат дар як ҷадвал оварда шудааст.
5. Дар саҳифаи 156 дар ҷадвали 3.2.2. чунин рақамҳо оварда шудаанд:

- Маблағи умумии қарзи беруна – 2924,2 млн. долл.;
- Ҳаҷми содирот – 1073,3 млн. долл.;
- Таносуби қарзи беруна ба содироти мол ва хизматрасонӣ – 273 %

Дар саҳифаи 157 дар диаграммаи 3.2.1 хизматрасонии қарзи берунӣ нисбат ба даромади буҷети давлат – 10,1%, ки ин тақрибан 165 млн. долл. ташкил медиҳад. Хуб мешуд, агар муаллиф оқибати ин ҳолатҳоро таҳлил мекард. Магар афзоиши қарзи берунӣ ва хизматрасонии он, ки зиёда аз 10% даромади буҷети давлатро мехӯрад сабаби сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ нест?

6. Дар охири баъзе параграфҳо хулоса оварда шудааст (§1.2) , аммо дар дигар мавридҳо хулосаҳо бояд мукаммалтар карда шаванд.
7. Дар қисми умумии кор пас аз ҳадафи таҳқиқот бояд вазифаҳо оварда мешуданд. Аммо дар кор ҳадаф ҷудо аз вазифаҳо.
8. Дар саҳифаи 170 диаграммаи 3.3.1 воҳиди ченакӣ надорад.
9. Дар саҳифаи 179 пешгӯии ММД то соли 2030 бо истифодаи модели регрессионӣ оварда шудааст, ки дар он суръати миёнасолонаи афзоиши ММД 3,9% ташкил медиҳад. Магар чунин пешгӯӣ ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 мутобиқат дорад?

## ХУЛОСА

Кори диссертатсионии Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи муҳим бо истифодаи методҳои муосири таҳқиқот, омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ, муайянкунии мавқеи Тоҷикистон ҳамчун давлати ба кумакҳои молиявӣ ва маблағгузории берунӣ ниёзманд дар сатҳи зарурии илмӣ ва амалӣ иҷро шудааст, ки асоснокии илмии пешниҳодҳо, тавсияҳо ва хулосаҳои кори иҷрошударо нишон медиҳад.

Масъалаҳо ва вазифаҳои дар рисолаи илмӣ гузошташуда пурра ҳаллу фасл шудаанд, дар кор навовариҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои

аҳамияти амалидошта вуҷуд доранд, ки минбаъд барои истифода дар идораҳои дахлдор тавсия карда мешаванд. Мазмуни мухтасари диссертатсия дар автореферати диссертатсия ва беш аз 40 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия чоп шудааст.

Диссертатсия дар мавзӯи “Мукамалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ *(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505)* ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мутобиқат менамояд ва муаллифи рисолаи илмӣ Тағоев М.Р. сазовори ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон **Султонов З.С.**

734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони М. Турсунзода, 30
**Тел:** +992 (32) 22754559
**Моб:** +992 935202870
**Факс:** +992 (37) 2213550

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон Султонов З.С. -ро тасдиқ мекунам.

**Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ** **Алиев А.Ҷ.**